**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии пешниҳодшуда ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи маданӣ бахшида шудааст. Муҳим будани дилхоҳ таҳқиқоти илмӣ аз асоснокии назарӣ ва амалии он вобаста аст. Дар шароити мураккаб гардидани муносибатҳои муомилоти молумулкӣ ва рушди тадриҷии воситаҳои муосири таъмини иҷрои уҳдадориҳо, омӯзиши моҳият, хусусият ва механизми ҳуқуқии шартномаи эскроу аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ касб менамояд.

Таҳиқоти илмии мазкур аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад, зеро он фарогири масъалаҳои мубрами илмӣ мебошад ва пешниҳоду тавсияҳо барои такмили қонунгузорӣ, бартараф шудани ихтилофоти ҳуқуқӣ байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии қонунгузории маданӣ аст. Аз мухтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф мубрамияти мавзуи таҳқиқотро аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ дуруст ва воқеъбинона муайян намудааст. Дар ин замина, муаллиф бо истифода аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ ва маълумоти оморӣ кӯшиш кардааст, масъалаҳои марбут ба танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу, ҷойгоҳи он дар низоми шартномаҳои маданӣ ва нақши онро дар таъмини устувории муносибатҳои маданӣ мавриди таҳлил қарор диҳад.

Доир ба масъалаи мазкур муаллиф дуруст қайд менамояд, ки шартномаи эскроу табиати шаффофнокӣ, саҳеҳият, коҳиш додани хавфҳо, таъмини барқароршавии ҳуқуқҳои вайронгардида ва пешгирӣ аз хатари вайроншавии ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро барои тарафҳо дошта, бо ин мақсад шартномаи мазкур на танҳои миёни субъектони хоҷагидор, балки мақомоти давлатӣ низ ба имзо расонида мешавад (саҳифаи 3-и автореферат). Бо ин андешаи муаллиф метавон мувофиқ буд, зеро дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва рақамикунонии муомилоти маданӣ, истифодаи механизми эскроу ҳамчун воситаи таъмини эътимод ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд.

Қобили зикр аст, ки дар автореферат масъалаҳои назариявии шартномаи эскроу дар ҳамбастагӣ бо амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ таҳлил гардида, доир ба такмили қонунгузории маданӣ пешниҳодҳои муайян манзур шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ, амалияи нотариалӣ, фаъолияти судҳо ва инчунин раванди таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи уҳдадорӣ ва шартномавӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Таҳлили автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф ба мақсаду вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ноил шуда, ҷанбаҳои мухталифи шартномаи эскроуро бо таҳлили қонунгузорӣ, илми ҳуқуқи маданӣ ва таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ тахти пажӯҳиш қарор додааст.

Дар автореферат баъзе нуқтаҳое оварда шудаанд, ки хусусияти воқеъбинона ва ояндабинӣ доранд. Аз ҷумла муаллиф дуруст пешниҳод намудааст, ки бо мақсади боз ҳам ба таври воқеӣ танзим намудани муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дар ин самт ҷорӣ намудани падидаи Интернет-эскроу ҳангоми бастани шартномаҳо тавассути Интернет-мағозаҳо қобили қабул буда, дар ин замина бо мақсади рушди падидаи мазкур муқаррар намудани имтиёзҳои андозӣ дар ин самт мувофиқи

максад мебошад. Ин пешниҳод метавонад ба баланд гардидани сатҳи эътимоди иштирокчиёни муомилоти электронӣ, таъмини амнияти ҳуқуқии аҳдҳои электронӣ ва рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Асадуллозода А.А. дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, дорои баъзе камбудиҳои ҷузъии баҳснок аст. Аз ҷумла, сархати дуюми нуктаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда қобили баҳс мебошад. Зеро шартномаи эскроу хусусияти кафолатӣ дошта, бе тасдиқи нотариалӣ бастани он метавонад сатҳи эътимоднокӣ ва кафолатнокии чунин аҳдро зери шубҳа қарор диҳад. Ҳуҷҷати тариқи нотариалӣ тасдиқшуда дорои хусусияти собитнокӣ буда, ифодаи иродаи озоди тарафҳо ва мутобиқати аҳд ба талаботи қонунро тасдиқ менамояд. Аз ин лиҳоз, нигоҳ доштани талаботи ҳатмии тасдиқи нотариалии шартномаи эскроу ба моҳият ва мақсади ин навъи шартнома бештар мувофиқ арзёбӣ мегардад. Дар робита ба ин, мехостам назари довталаби дараҷаи илмиро аҳаммиятнокии пешниҳоди мазкур фаҳмида бошам.

Маврид ба зикри хос аст, ки камбудии зикршуда ҷузъӣ буда, мазмуну сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ, аҳаммияти илмӣ ва арзиши амалии онро паст намегардонанд.

Натиҷаҳои ноилшуда дар раванди татбиқи қонунгузории маданӣ аз ҷониби мақомоти судӣ, бонкҳо ва нотариусони давлатии идораҳои нотариалии давлатӣ, такмили Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шарҳу тавзеҳи муқарраароти қонунгузорӣ истифода шуда метавонанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия таҳиқиқоти мукаммал буда, ҷиҳати татбиқи амалии сиёсати ҳуқуқии мамлакат шароити мусоид фароҳам меорад. Ҳамзамон, автореферат фарогири мақсаду ҳадафҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, тавсифи умумии таҳқиқот, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида мебошад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда, тибқи талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аст.

Тақриздиҳанда:
Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат
ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.

Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои Институти давлат ва
ҳуқуқи АМИТ Давлатмуродзода Б.Д.
29.05.2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, ш.Душанбе, хиёбони Рудаки, 19;
тел./ fax 8(992)37 221-65-72; 221-65-85,
почтаи электронӣ: idh@amit.tj,
сомонаи интернетӣ: www. idhamit.tj